Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-045 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, http://www.hgu.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Мухидинович дар мавзуи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 - Усулҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт пешниҳод шудааст.**

Дар таъмини устувории иқтисодии замони муосир соҳаи сайёҳӣ нақши муассир дошта, ҷиҳати густариши иқтисоди минтақа низ муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар маҷмуъ, барои таҳаввули иқтисодиёти миллӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Даромади буҷети давлатии бархе аз давлатҳои мутараққӣ чун Фаронса, Итолиё, Юнон, Аморати муттаҳидаи Араб (АМА), Туркия, Малайзия, Тайландро маҳз соҳаи сайёҳӣ ташкил медиҳад, ки ин аз мақоми баланди соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Иттилооти оморӣ собит месозад, ки ҳиссаи маҳсулоти соҳаи сайёҳӣ дар маҷмуи маҳсулоти ҷаҳонӣ 6%, ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ дар маҷмуи маблағгузории умумӣ 7%, даромади соҳаи сайёҳӣ 5% -и даромадҳои андозиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, татбиқи дурусти таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷа дар шароити рушди устувори иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатнок мебошад.

Омилҳои мазкур муҳиммияти мавзуи диссертатсияро асоснок намуда, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод намудаи муаллифро тасдиқ менамоянд. Мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, мавзуъ, фарзия ва навгониҳои илмии диссертатсия ба талаботҳои таълифи рисолаҳои номзадӣ дар соҳаи мавриди назар мутобиқат менамоянд. Амсилаҳои пешниҳоднамуда дар рисола ҷиҳати таъмини самаранокии рушди соҳаи сайёҳии минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғд) аз муҳимтарин корҳо маҳсуб меёбад, ки саҳми илмии муаллифро дар таълифи диссертатсия нишон медиҳад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлили ҳамаҷонибаи мӯҳтавои мафҳумҳои сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, тавсифоти амсилаҳои математикӣ ва иқтисодии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ва самтҳои такмили амсилаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, асоснокнамоии унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои

иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ, тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди маҷмааи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ ва тақсимоти он, инкишофи амсилаи динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ, ки маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба пуррагӣ фаро гирифтааст. Пешниҳодҳо ва далелҳои илмии манзур гардида дар ташаккули сиёсати давлатии рушди маҷмааи сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф таҳқиқоти диссертатсиониро бо назардошт ва риояи меъёрҳои методологияи илмӣ ба анҷом расонидааст, ки дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои илмию амалии таҳқиқот, дар натиҷаи шиносоӣ ба автореферат тавсияҳое, ки муҳим ба назар мерасанд, пешниҳод намоем:

- таҳлили илмии марҳилаҳои таърихии соҳа дар амсилаҳои рушди маҷмааи сайёҳии минтақавӣ ҳарчанд ҷараён гирифтааст, афзун бар ин амсилаҳои мувофиқоварии рушди соҳа арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам баланд мекард;
- ҷой додани дефинитсияҳо, амсилаҳои схематикӣ, маводҳои иллюстратсионӣ ва диаграммаҳо ҳусни авторефератро дигар менамуд.
- ғалатҳои услубӣ дар бархе аз гузоришҳои матн ба назар мерасанд.

Камбудиҳои мазкур тавсиявӣ мебошанд. Автореферати диссертатсия қисмати асосии дисертатсияро дар бар мегирад.

Диссертатсияи илмии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович ба анҷомрасида ҳисобида мешавад ва ба талаботҳои КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 - Усулҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт сазовор дониста мешавад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Кошонова М.Р.

Сардори ШК ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — У.А. Шарипов

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ